**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Қодирзода Мирзоқодир Аюб дар мавзуи «Функсияи экологии Тоҷикистон дар шароити муосир: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст (Душанбе, 2023).**

Масоили ташвишовари экологии сайёра, аҳли ҷомеа ва олимонро водор намудааст, ки роҳҳо ва механизмҳои муташаккили роҳандозӣ кардани тадбирҳои беҳдошти вазъи экологӣ амалӣ гардонида шаванд, ки дар маҷмӯъ ба сифати фаъолият дар самти рушди устувор баҳогузорӣ мешавад.

Дар баробари ин, проблемаҳои мавҷудаи экологӣ ба монанди истифодаи самаранок ва оқилонаи сарватҳои табиӣ, гармшавии бесобиқаи иқлими сайёра, аз ҳадди муқарарарӣ барзиёд обшавии пиряхҳо, биёбоншавӣ, вазъи ногувори эпидемиологии сайёра, норасогии об, рахнашавии барзиёди қабатҳои озонии ҳавои атмосферӣ, ифлосшавии ҳаво ва монанди инҳо дар маркази диққати ҷиддии ҳуқуқшиносон, экологҳо, иқтисодчиён, файласуфон, сиёсатшиносон, географҳо ва намояндагони қишри дигари донишҳои илмӣ, инчунин намояндагони ҳокимияти давлатӣ қарор доранд. Бинобар ҳамин, таҳқиқи илмии масъалаи мазкур аз лиҳози назариявӣ ва амалӣ барои рушди низоми ҳуқуқӣ ва иқтисодии кишвар нақши муҳим дошта метавонад.

Бевосита дар илми ҳуқуқшиносӣ вобаста ба масъалаҳои мазкур таваҷҷуҳи асосиро масъалаҳои идоракунии давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист, проблемаҳои истифода ва ҳифзи сарватҳои табиӣ, функсияи экологии давлат, татбиқи қонунгузории амалкунанда ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ташкил менамояд.

Бояд тазаккур дод, ки вазъи экологӣ сол аз сол ташвишовар шуда, ояндаи кору зиндагонии муътадили инсонро дар рӯйи замин зери хатар мегузорад. Ифлосшавии табиат «сарҳадҳои миллӣ»-ро намедонад ва ба муҳити атроф паҳн мегардад. Ин гуна вазъият фаъолияти ба ҳам мутобиқ, мақсадноки функсионалии ҳамаи давлатҳоро талаб мекунад. Бо дарназардошти ин, таҳқиқи масъалаи мазкур аз лиҳози илми назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат мубрам маҳсуб меёбад.

Таҷдиди назар ба қонунгузории соҳаи экологӣ имрӯз ногузир буда, амалишавии ҳарчи зудтари он барои пешрафти иқтисодиёти мамлакат ва мустаҳкамгардии сиёсати ҳифзи муҳити зисти кишвар аҳамияти калон дорад. Бинобар ин, сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати кишвар ба ин масъала махсус равона шуда, дар кишвар як қатор барномаҳо ва консепсияҳо таҳия ва қабул карда шудааст.

Таҳлилҳо ва таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки ҳоло масоили экологӣ на фақат таваҷҷуҳи ташкилотҳои умумиҷаҳонӣ, балки давлатҳои минтақаи муайянро барои масъалагузорӣ ба ҳам овардааст. Ҳолати мазкур аз ин гувоҳӣ медиҳад, ки амалияи ҳолати функсионалии ҳифзи муҳити зист ва ҳолати захираҳои табиӣ хислати минтақавиро пайдо намудааст.

Аз таҳлили амиқ ва баррасии ҳамаҷонибаи масъалаҳои дар автореферат зикргардида ба хулосае омадан мумкин аст, ки сохтори таҳқиқот пай дар пай ва бо риояи мантиқи илмӣ таҳия гардидааст. Автореферати диссертатсия ҳамаи талаботи ҷойдоштаро дар бар гирифта, натиҷаҳои пурра ва босамари таҳқиқотро ифода намудааст.

Аз мазмуну муҳтавои автореферати мазкур бармеояд, ки муаллиф вазифаҳои дар наздаш гузошташударо дар сатҳи дахлдор иҷро намуда,

нуктаҳои илмии асоснок ва тавсияҳои амалии судмандро ҷиҳати рушди илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ва таҷдиди қонунгузории соҳа манзур намудааст, ки аз манфиат орӣ нестанд. Бе тардид натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда на танҳо аҳамияти назариявӣ доранд, балки дар амалия низ мумкин аст ба таври фаррох истифода бурда шаванд.

Аз моҳияти интишороти муаллиф, ки 20 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 13 ададй онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 7 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст, бармеояд, ки таҳқиқбаранда дар самти масъалаҳои мухталифи назарияи давлат ва ҳуқуқ ва ҳуқуқи экологӣ, махсусан институти функсияи экологии Тоҷикистон дар шароити муосир корҳои илмии арзишмандро анҷом додааст, ки натиҷаи онҳоро метавон дар самтҳои алоҳидаи илми ҳуқуқшиносӣ мавриди истифода қарор дод. Натиҷаҳои таҳқиқҳои илмии муаллиф дар як қатор конференсияҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ироа гардидаанд, ки гувоҳӣ аз масъулияти муаррифии илми ҳуқуқшиносии ватанӣ дар сатҳҳои гуногун аз ҷониби диссертант мебошад.

Таҳлили автореферати диссертатсияи Қодирзода Мирзоқодир Аюб дарак медиҳад, ки рисолаи илмӣ дар заминаи сарчашмаҳои нодири таърихӣ-ҳуқуқӣ, қонунгузории миллӣ ва давлатҳои хориҷӣ анҷом дода шуда, дар натиҷа роҳҳои ҳал ва такмили қонунгузории соҳа бахри ташаккулу рушди институти функсияи экологии Тоҷикистон дар шароити муосир пешбинӣ гардидааст.

Дар баробари дастовардҳои зиёд, инчунин ҳолатҳое ба назар мерасанд, ки баҳснок ва посухталаб мебошанд, аз он ҷумла зимни таҳлили масъалаҳои марбут ба функсияи экологӣ, диссертант меъёрҳо ва принсипҳои санадҳои ҳуқуқии байналмилалиро нисбатан камтар ба инобат гирифтааст.

Мулоҳизаҳои мазкур ҳангоми баҳодиҳии мусбати автореферати таҳқиқоти диссертатсионӣ нақши муайянкунандаро намебозанд ва танҳо шаҳодати он мебошанд, ки масъалаҳои баррасишаванда хеле муҳим буда, мураккаб ва баҳсноканд.

Дар маҷмуъ, аз таҳлилу баррасии автореферати мазкур ба хулосае омадан мумкин аст, ки Қодирзода Мирзоқодир Аюб ҳангоми навиштани рисолаи илмӣ дар мавзуи «Функсияи экологии Тоҷикистон дар шароити муосир: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ» қобилияти баланди эҷодкорӣ нишон додааст.

Автореферати диссертатсия ва дастгоҳи илмии таҳқиқот ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
Муовини сардори Хадамоти иҷрои
назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Холиқзода А.Ғ.

**Суроға:** 734001, ш. Душанбе,
кӯчаи И. Сомонӣ, 8,
Тел.: +992 (37) 228-98-57, +992 935-63-97-05
E-mail: info@ijro.tj
Факс: +992 (37) 228-98-67

Имзои А.Ғ. Холиқзодаро тасдиқ мекунам:
И.в. сардори шуъбаи кадрҳо ва таъминоти
ҳуқуқии Хадамоти иҷрои назди
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Шоев Х.Қ.
«2» майи 2023 с.